Ба Шурои диссертатсионии 6О.КОА-001
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати дессертатсияи Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи “Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)” аз руйи ихтисоси 23.00.04 - Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ**

Ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва дарки амиқи масъалаҳои мухталифи давлатдорӣ аз ҳарвақта дида, бештар рӯзмарра гаштааст. Бинобар ин, вазифаи муҳимми илм ва махсусан, илмҳои сиёсӣ пажӯҳиши объективона, асоснок ва холисонаи манфиатҳои миллӣ мебошад. Ҳадаф он аст, ки дар равандҳои муосири сиёсӣ ба манфиатҳои миллӣ афзалият дода шуда, дар муносибатҳои сиёсии дохилӣ ва байналхалқӣ баҳри ҳифзи онҳо чораҳои доимӣ андешида шаванд. Махсусан, ба масъалаҳои амнияти давлатӣ ва сатҳи бехатарии он диққати махсус дода, таъмини суботи сиёсӣ ҳамчун манфиати бақодории давлат бояд дарк карда шавад.

Манфиатҳои миллӣ унсури меҳварии низоми давлатдорӣ ба ҳисоб рафта, дарки муҳиммияти ҳифзи бақо ва таъмини рушду инкишофи устувор, нигоҳдошти ягонагӣ ва симои фарҳангию таърихӣ, таъмини амнияти шахс, ҷомеа, давлат ва ниҳоят, василаи таъмини устувории ҷомеа аз он вобастагии калон дорад. Масъалаи манфиатҳои миллӣ дар низоми илмҳои ҷомеашиносӣ, махсусан илмҳои сиёсӣ, яке аз масъалаҳои рӯзмарра ва баҳсталаб маҳсуб меёбад. Таҳлилу таҳқиқи амиқи масъалаи мазкур вобаста ба ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии он дар замони муосир амри саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз, диссертатсияи номзадии Музафарзода Фазлиддин ба таҳлилу баррасӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ бахшида шуда, муҳаққиқ омӯзиши роҳу воситаҳои самаранокии ҳимояи манфиатҳои миллиро дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ муайян намудаву доир ба мушкилоти ҷойдошта дар ин самт таҳлилу пешниҳодҳои муҳимму саривақтии илмӣ, барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ бо дарназардошти хавфу хатарҳои минтақавию ҷаҳонӣ ва таҳдидҳои ҷаҳони муосир пешниҳод намуда, як рисолаи мукаммали илмӣ анҷом додааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ки 6 зербобро дар бар мегирад, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Боби якуми диссертатсия - “Масъалаҳои назариявию методологии омӯзиши масъалаи манфиатҳои миллӣ дар низоми нави ҷаҳонӣ” аз се зербоб иборат аст. Зербоби якуми он “Ҷанбаҳои назариявии масъалаи манфиатҳои миллӣ: моҳият, мазмун ва хусусиятҳои он” ном дошта, дар ин зербоб муҳаққиқ назару андешаҳои олимони хориҷӣ ва дохилро оиди мафҳуми «манфиатҳои миллӣ» оварда, манфиатҳои миллиро ҳамчун унсури марказӣ ва меҳварии идоракунии давлатӣ арзёбӣ намуда, онро ба навъҳои гуногун ҷудо намуда, баррасӣ кардааст.

Зербоби дуюми боби якум “Консепсияи низоми нави ҷаҳонӣ ҳамчун раванди сиёсии фарогир: моҳият ва хусусиятҳои он” унвон дошта, ба таҳлили ҷанбаҳои консептуалии низоми нави сиёсӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби сеюми боби якум “Қонуниятҳои ташаккули таълимот оид ба низоми нави ҷаҳонӣ” шарҳу маънидод шуда, доир ба низоми сиёсии олам ва тамоюлҳои асосии инкишофи он муносибатҳои байниҳамдигарии акторҳои асосии сиёсати ҷаҳонӣ мақом ва нақши онҳо дар давлатҳои миллӣ баррасӣ гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия - “Низоми нави ҷаҳонӣ ва воқеияти амалишавии манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир” ном дошта, он аз се зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми боби мазкур “Манфиатҳои миллӣ ва механизмҳои таъмини ҳимояи онҳо дар низоми нави ҷаҳонӣ” унвон дошта, муҳаққиқ дар доираи зербоби мазкур кӯшиш намудааст, ки манфиатҳои миллии дорои хусусияти сиёсӣ ва иқтисодӣ, инчунин таҳдидҳои мавҷуда ба онҳоро мавриди таҳлил қарор диҳад.

Зербоби дуюми боби дуюм “Ҷанбаҳои таҳдидовари низоми нави ҷаҳонӣ ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ном дорад.

Муҳаққиқ дар зербоби мазкур доир ба амнияти миллӣ, кудрати мудофиавии давлат, ҳимояи боэътимоди марзи давлатӣ, таҳкими нуфузи байналмилалии кишвар, муҳофизати дастовардҳои таърихӣ, маданӣ ва фарҳангӣ дар таъмини амнияти давлатӣ тадқиқоти густурда анҷом додааст.

Дар зербоби сеюми боби дуюм “Вазъи геополитикии муосир ва таъсири он ба осебпазирии манфиатҳои миллӣ” мавриди баррасӣ ва таҳлили густурдаи илмӣ қарор дода шудааст.

Дисертант дар ин зербоб роҷеъ ба авзои геополитикии замони муосир, ҳифзу ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва бақои давлат ва рушди дурнамои бақодории он тадқиқоти арзишманд анҷом додааст.

Навоварӣ ва бозёфтҳои илмии диссертант дар автореферати диссертатсия тавассути муқосиаву хулосаҳои мушаххаси илмӣ ифода ёфтаанд. Дар баробари ин ҳама муҳассанот ва муваффақиятҳои илмию пажуҳишӣ дар автореферати диссертатсия баъзе камбудию нуқсонҳо низ

ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиши диссертатсияро афзун менамояд.

1. Дар қисми асосии диссертатсия, яъне, зербоби якуми боби дуюм, ки ба масъалаи “Манфиатҳои миллӣ ва механизмҳои таъмини ҳимояи онҳо дар низоми нави ҷаҳонӣ” бахшида шудааст, муҳтавои боб чандон ошкор нашудааст ва он ба комилии мазмуни кор халал ворид намудааст. Хуб мешуд, агар ин қисмат дар автореферат ба таври фишурда оварда мешуд.

2. Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия масъалаи «Ҷанбаҳои таҳдидовари низоми нави ҷаҳонӣ ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон» баррасӣ гардидааст ва муҳақиқ роҷеъ ба таҳдидҳои замони муосир ва роҳу воситаҳои ҳимоя аз онҳоро таҳлил намудааст, аммо дар ин замина бештар ба тадқиқотҳои муҳаққиқону олимони дохилӣ таваҷҷуҳ менамуд, ба нафъи кор буд.

Нуқсонҳои фавқуззикр ҷузъию ислоҳшаванда буда, онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии автореферати диссертатсияро кам намесозанд. Хулоса, автореферати диссертатсияи Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи “Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)” таҳқиқи комили илмӣ маҳсуб ёфта, ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 - Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти
кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Абдулҳақов М.М.

Имзои М.М. Абдулҳақовро тасдиқ
менамоям. Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

07.05.2024

**Суроғаи муқарриз:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17,
тел.: (+992 -37) 221-62-25
E-mail: info@tnu.tj